**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ пешниҳод шудааст.**

Ҷаҳони муосир – ҷаҳони рушди илму техника, балки нанотехника мебошад, ки ҷомеаи саноатиро дар бисёр кишварҳо ба ҷомеаи пасосаноатӣ ва иттилоотӣ табдил додааст. Кишварҳое ки дар чунин вазъият қарор доранд, кишварҳои пешрафта, қудратманд ва ҳатто абарқудрат ба шумор меравaнд. Як қатор кишварҳои ғарбӣ аз қабили чунин кишварҳо маҳсуб мешаванд. Кишварҳои аз ҷиҳати илми муосир тараққикарда на ба тарзи тасодуф, балки заминаҳои муайяни таърихӣ доранд. Заминаҳои муйянӣ таърихиашон маҳз дар дарки арзишҳои дунявӣ нуҳуфтааст. Агар дар асрҳои XV-XVI аврупоиёни ғарбӣ рӯ ба арзишҳои дунявӣ намеоварданд, бе ягон шакку тардид метавон гуфт, ки ба рушди бемайлони илму техникаи имрӯзаашон намерасиданд. Имрӯз низ кишварҳое ҳастанд, ки ба илми дунявӣ рӯ оварда дар муддатҳои кутоҳтарин муваффақ ва аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ мақому мартабаи баландро соҳиб гардида истодаанд. Яъне дар замони муосир ба дунявият рӯй овардан аҳамияти беш аз пеш касб карда истодааст. Кадом кишваре ки ба дунявият рӯй намеоварад, ночор қафо мемонад, зеро барои даст ёфтан ба илми муосир имконияте, ки дунявият медиҳад, ҳаргиз дин дода наметавонад. Чунки асоси таълимоти динӣ боварӣ на ба дунё ва дунявият, балки ба қувваи ғайри дунявист. Аз ин рӯ, дунявиятро метавон кафили озодӣ ва имкониятҳои фарохи даст ёфтан ба илми муосир номид. Аммо, мутаассифона, дар баробари ин ҳама илму техникаи пешрафтаи олам, кишварҳое ҳастанд, ки дар онҳо мардум, халқ ва ҷомеа дар ҳоли бехабарӣ, ғафлат ва хоби умумӣ қарор доранд. Аз ҷумла кишварҳои мусулмонӣ. Мардум ормонҳои худро на дар расидан ба мақсадҳои дунявӣ, балки дар олами дигар, олами ухравию хаёлӣ меҷӯянд. Зиндагии дунявии худро қурбони зиндагии хаёлии баъдимарг месозанд ва ғ.

Ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низ, ҳам ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам мусулмонӣ буда, аз равандҳои иҷтимоии ҷаҳонию мусулмонӣ ҷудо ва орӣ аз таъсири онҳо буда наметавонад, хусусан дар замоне, ки дастрасӣ ба иттилоот ягон мушкилӣ надорад. Вале мушкилӣ дар он аст, ки ҳарчанд рушди илму техникаи олами муосир дастрас, воқеӣ ва айнӣ аст, аммо ҳанӯз ҳам як кабил одамон ба он бовар надоранд ва ба он рӯй овардан намехоҳанд. Фикр мекунанд, ки ба илми муосир рӯй овардан гӯё пояҳои эътиқодоти динии онҳоро заиф мегардонида бошад. Бисёр ҷойи таассуф аст, ки дар ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқол чунин ашхос на ин ки кам нестанд, балки аксариятро ташкил

медиҳанд. Чаро чунин аст? Чаро мардум илмбезоранд? (илми дунявӣ дар назар аст. - С.С.). Чаро бештар аз 30 сол аст, ки кишвари мо кишвари дунявист, вале ҳанӯз ҳам қисмати аксари мардум дунявӣ нестанд? Чаро Империяи аттеистии собиқ Шӯравӣ мардумро аз руҳияи динӣ ба дунявият ҳидоят карда натавонист ва агар карда бошад ба ҷуз чанде аз аҳли илму зиё боқимонда дар олами руъёи асримиёнагӣ боқӣ монд? Чаро мардум аз натиҷаҳои илми дунявӣ ҳамарӯза ба таври фаровон истифода мебаранд, вале бартариятро ба дин медиҳанд, на омӯзиши илми дунявӣ? Магар ин аз танбалии мардум аст ва ё таъсири ин ё он раванду гурӯҳи махсус, ки намехоҳад мардум бедор гардад? Яъне ҷомеаи Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ба таври аксар ба дунявият рӯй наовардааст, ки ин хилофи Конститутсия мебошад. Барои ба роҳи дунявият ҳидоят нагардидани мардум, аз ҷумла ҷавонон кӣ гунаҳкор аст? Мактабу маориф? Волидайн? Ҷомеа? Аҳли зиё? Кӣ? Солҳои охир ҷомеашиносону файласуфони кишварамон дар мавзуи дунявият ва аҳамияти он хеле зиёд менависанд, таҳқиқоти назаррас анҷом медиҳанд, вале ҳамоно моҳияти дунявият дар замири мардум ҷой намеёбад. Ин аст, ки байни файласуфону ҷомеашиносон ва мардум таззод пайдо шудааст. Гурӯҳи якум, ки ақаллият аст, ҷонибдорӣ дунявият, вале гурӯҳи дуюм, ки аксарият аст, ҳанӯз бо роҳи начандон дунявӣ ва на ҳам динӣ рафта истодаанд.

Ба ҳар ҳол барои расидан ба илми муосир усули дунявии давлатдорӣ муҳим аст, ки онро барои ҷомеаи мо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё кардааст. Вале барои давлати дунявии аз ҳар ҷиҳат муваффақ сохтан ва ба сатҳи баланд расонидани мафкураи мардум ҳамоно заҳмати зиёд кашидан лозим аст. Ба назар чунин менамояд, ки олимону донишмандони мо барои рушди дарки дунявии падидаю ҳодисаҳо ва ҷаҳонбинии дунявӣ ҳанӯз механизми муайяне ба вуҷуд наовардаанд, ки ба василаи он ба мардум, ақалан ҷавонон таъсир расонанд. Ба ин нигоҳ накарда, ба бештари он саволҳо ва мушкилиҳое, ки дар фавқ номбар кардем диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» метавонад ҷавобе гӯяд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки мавзуи кори диссертатсионӣ на ин ки актуалӣ, балки ба истилоҳ “доғи рӯз” аст. Арзишҳои диниро аз мавқеи дунявият нишон додан, таърих, нақш ва муҳимияти дунявиятро дар дарозои таърихи динҳо, аз ҷумла дини ислом пешкаши хонанда гардонидан барои он нафароне, ки илмситезӣ, дунёбезорӣ, танбалӣ ва баҳонаҷӯӣ доранд, такони хубе дода метавонад.

Диссертант К. Абдухалилзода дар автореферати диссертатсияи худ тибқи талаботи мавҷуда амал карда, дар муқаддимаи кор муҳимияту зурурати мавзуъ, дастоварду норасоиҳои дар ин самт анҷомдодаи олимони ватанию

хориҷӣ, мақсаду вазифаҳоро дарҷ кардааст. Ҳамчунин диссертант навовариҳои кори худро дар 8 банд пешкаш гардонидааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бошанд дар 9 банд акс ёфтаанд. Диссертатсия аз 4 боб ва зербобҳо иборат буда, зербобҳо дар заминаи бобҳо ва бобҳо дар асоси мавзуи баррасишаванда бандубаст гардидаанд. Хулосаи диссертатсия дар 11 банд пешкаш гардида, мазмуну моҳияти корро пурра ифода карда метавонад. Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ дар 11 банд дарҷ гардида, дар ҷомеа амалӣ намудани онҳо бешак ба фоидаи кор аст. Вобаста ба кори диссертатсионӣ муаллиф 1 монография ва 19 мақолаи тақризшаванда нашр кардааст, ки мувофиқи матлаб мебошад. Варианти русии автореферат айни тоҷикиаш буда, фишурдаҳои автореферат бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ низ дуруст таҳия ва тарҷума гардидаанд.

Бо вуҷуди он ки автореферати диссертатсия дар сатҳи баланд таҳия гардидааст, вале дар он баъзан иштибоҳоти ҷузъӣ ҳанӯз ҳам ба чашм мерасанд, чунончи:

1. Ҳарчанд номи диссертатсия “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” бошад ҳам, вале дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ислом дар қатори дигар динҳо ёд шуда, нақш ва аҳамияти дунявият дар он ба таври зарурӣ нишон дода нашудааст. Албатта, дар дохили автореферат ин масъала муфассал баррасӣ гардидааст, вале боз ҳам хуб мешуд, ки нақши дунявият дар ислом дар банди мазкур ба таври назаррас дарҷ мегардид, зеро асоси кори диссертатсиониро маҳз ҳамин масъала ташкил медиҳад.

2. Диссертант масъалаи дунявиятро аз назари маорифпарварони Эрону Ҳиндустон баррасӣ намудааст, вале маорифпарварони тоҷики Аморати Бухороро фаромӯш сохтааст. Ҳол он ки маорифпарварони мо на камтар аз маорифпарварони Эрону Ҳиндустон ба масъалаи дунявият дахл кардаанд.

3. Дар ибтидои автореферат, ҳам варианти тоҷикӣ ва ҳам русӣ Карамхудоев Ш.Х. – доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода нишон дода шудааст. Дар ҳоле ки аз иваз шудани номи донишкадаи мазкур бештар аз сол гузаштааст.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, арзиши баланди автореферат ва ё кори диссертатсиониро кам намекунанд. Автореферати диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ», аз рӯйи моҳияти мавзуи таҳқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳои муайяни таҳқиқот, дастрасӣ ба маводи таҳқиқшаванда, шеваи таҳқиқ, аҳамияти назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо навгониҳо ва натиҷагириҳо кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти

дарачаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ комилан мувофиқ аст ва муаллиф сазовори дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои фалсафа мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Султонзода С.А.

Имзои пофессор С. Султонзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

01.10.2024